# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ. – Душанбе, 2026. – 487 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои асосии диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам, бо назардошти он ки дар меҳвари он муқоисаи низоми истилоҳоти ду забони аз ҷиҳати сохторӣ гуногун — тоҷикӣ ва англисӣ, муайян намудани мутобиқат ва номувофиқатии байнизабонӣ, ҳамчунин, таҳлили роҳу воситаҳои интиқоли маънои истилоҳӣ қарор гирифтааст, дар маҷмуъ, ба самтҳои асосии ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ иртибот дорад ва бо пуррагӣ ба он мувофиқат мекунад. Таҳқиқот ба масъалаҳои муносибати байни низомҳои луғавӣ-маъноӣ, омилҳои асимметрияи байнизабонӣ, муодилнокӣ, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи воҳидҳои истилоҳӣ ва таҳвилоти онҳо бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Мубрамии мавзуъ аз зарурати ташаккул ва таҳкими забони илмии тоҷикӣ, меъёргузории истилоҳоти соҳавӣ, баланд бардоштани сифати тарҷумаи матнҳои илмӣ ва фароҳам овардани замина барои таҳияи фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ сарчашма мегирад. Дар шароити густариши робитаҳои илмию академӣ, афзоиши мубодилаи дониш ва воруди босуръати мафҳумҳои нав ба фазои забонӣ, масъалаи интихоби муодили дақиқ, аз лиҳози маъноӣ муносиб ва аз нигоҳи фарҳангӣ пазируфташуда аҳаммияти рӯзафзун касб менамояд. Аз ин ҷиҳат, рӯ овардан ба истилоҳоти фалсафа, таърих, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, иқтисодиёт, диншиносӣ, забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ иқдоми саривақтӣ ва аз лиҳози назариявию амалӣ қобили дастгирист.

Муаллиф мубрамии таҳқиқро бо номукаммалии фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ, мавҷудияти чандмуодилӣ, сермаъноӣ, омонимия, муродифпазирӣ, асимметрияи байнизабонӣ ва падидаи ба истилоҳ "дӯстони дурӯғини тарҷумон" асоснок менамояд. Чунин гузориши масъала барои илми истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик, ҳамчунин барои сиёсати забонӣ ва амалияи меъёргузории истилоҳоти муосир дорои аҳаммияти воқеӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии пажуҳиш дар баррасии маҷмуии методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, муқоисаи он бо тарҷумаи истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ, тавсифи марҳилаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ, гурӯҳбандии роҳҳои тарҷума ва таҳлили таҳвилоти луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ ифода меёбад. Ҷиҳати мусбати кор дар он аст, ки муаллиф масъалаи тарҷумаи истилоҳро на танҳо ҳамчун амали муодилёбӣ, балки ҳамчун раванди мураккаби маърифатӣ, фарҳангӣ ва забонӣ арзёбӣ мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷамъоварӣ ва муқоисаи мавод, мураттаб намудани истилоҳоти соҳаҳои гуногуни гуманитарӣ, таҳлили мисолҳои матнӣ аз ду асари илмӣ-таърихӣ, пешниҳоди гурӯҳбандии равишҳо ва таҳвилоти тарҷума ва таҳияи замимаи дузабонаи истилоҳот зоҳир мешавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро гирифта, аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ асоснок мебошанд. Муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода як қатор масъалаҳои муҳимми методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои хоси метод, стратегия ва техникаҳои тарҷумаи истилоҳиро муайян ва таҳлил намудааст. Арзиши илмии натиҷаҳои пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ на танҳо аз дидгоҳи забонӣ, балки дар робита бо

хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми истилоҳот, равандҳои истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мазмунан ба мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия мувофиқ буда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар ҳалли масъалаҳои методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ инъикос менамоянд. Онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст карда, ҷанбаҳои назариявӣ, муқоисавӣ ва амалии пажуҳишро дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо муҳтавои бобҳо, хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаҳои илмии бадастомада ҳамоҳанг буда, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва саҳми шахсии довталабро инъикос менамоянд. Тарзи баёни онҳо натиҷаҳои асосии пажуҳишро ба шакли муқаррароти мустақили илмӣ ҷамъбаст намуда, барои арзёбии мантиқӣ ва методологии дастовардҳои диссертатсия заминаи возеҳ фароҳам меорад.

**Асосонокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Эътимоднокии қисми назарраси натиҷаҳо бо такя ба сарчашмаҳои назариявӣ, фарҳангҳои умумӣ ва соҳавӣ, мисолҳои матнӣ ва муқоисаи шаклҳои тоҷикӣ ва англисӣ таъмин гардидааст. Мутобиқати пайдарпайи баъзе хулосаҳо бо таҳлилҳои дар бобҳои чорум ва панҷум пешниҳодшуда ба назар мерасад. Қисмати муҳимми кор, махсусан, дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф ба мушкилоти воқеии тарҷума — талафи маъно, номувофиқатиҳои фарҳангӣ, чандмуодилӣ ва зарурати тавзеҳ таваҷҷуҳ кардааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, номгӯйи интишорот ва замимаҳо иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ,

мутобиқати кор ба ихтисос, саҳми шахсӣ, тасвиб ва интишорот баён гардидаанд. Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, дар маҷмуъ, ба мантиқи бобҳо мутобиқат дошта, аз назарияи мутобиқати байнизабонӣ то таҳлили таҳвилоти луғавӣ, луғавӣ-дастурӣ ва услубӣ маҷмуи васеи масъалаҳоро фаро мегиранд.

**Боби якум** таҳти унвони "Таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот дар тарҷумашиносӣ" аз се фасл иборат буда, таърихи ташаккули тарҷума дар анъанаҳои форсу тоҷик ва Аврупо, намудҳои тарҷума, назарияи мутобиқати байнизабонӣ, дараҷаҳои муодилнокӣ, низоми истилоҳот ва роҳу воситаҳои ташаккули онро фаро мегирад. Муаллиф бо такя ба доираи васеи сарчашмаҳои назариявӣ марҳилаҳои асосии рушди афкори тарҷумашиносиро пайгирона баррасӣ намуда, масъалаҳои муҳимми истилоҳшиносиро дар робита бо назарияи умумии тарҷума таҳлил кардааст. Дар боб хусусиятҳои воҳидҳои истилоҳӣ дар муқоиса бо воҳидҳои луғавии маъмулӣ, раванди ворид гардидани истилоҳ ба низоми соҳавӣ ва тағйирпазирии мақоми он мавриди шарҳу тавзеҳи илмӣ қарор гирифтаанд. Ҷиҳати арзишманди боб дар он зоҳир мегардад, ки маводди таърихию назариявӣ ба таври мантиқӣ ба низом дароварда шуда, назарияи мутобиқати байнизабонӣ ва дараҷаҳои муодилнокӣ ҳамчун заминаи таҳлили минбаъдаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ истифода шудаанд. Хулосаҳои боб аҳаммияти мустақили назариявӣ дошта, барои гузариш ба таҳқиқи мушкилоти тарҷуманопазирӣ ва таҳияи асосҳои методологии бобҳои минбаъда заминаи мустаҳками илмӣ фароҳам меоранд.

**Боби дуюм** — "Мушкилоти тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ" ба масъалаҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ, инчунин, падидаҳои сермаъноӣ, омонимия, муродифот, мутазод ва «дӯстони дурӯғини тарҷумон» дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб табиати динамикӣ ва бисёрҷанбаи истилоҳро дар раванди иртиботи байнизабонӣ мавриди таҳлили

фарогир қарор дода, робитаи тағйироти маъноӣ ва сохтории истилоҳотро бо мушкилоти интихоби муодили тарҷумавӣ нишон додааст. Таҳлили маводди забонӣ имкон додааст, ки накши сермаъноӣ, омонимия, муродифпазирӣ ва асимметрияи байнизабонӣ дар пайдоиши номувофиқатиҳои тарҷумавӣ мушаххас гардад. Таваҷҷуҳи махсус ба падидаи «дӯстони дурӯғини тарҷумон», зарурати муроҷиат ба фарҳангҳои соҳавию этимологӣ ва ба назар гирифтани таърихи ташаккули истилоҳ ба боб аҳаммияти равшани амалӣ мебахшад. Ҷамъоварӣ ва таҳлили мисолҳои гуногун, пешниҳоди роҳу тавсияҳои методӣ ва пайванди натиҷаҳои назариявӣ бо эҳтиёҷоти фаъолияти тарҷумонӣ аз ҷиҳатҳои қавии боб ба шумор мераванд. Дар маҷмуъ, боби дуюм аз нигоҳи назариявию амалӣ мукаммал буда, барои таҳияи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар боби сеюм заминаи мантиқӣ ва илмии устувор фароҳам меорад.

**Боби сеюм** дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ” — меҳвари назариявии диссертатсия буда, мафҳумҳои метод, стратегия, техника ва равиш, ҳамчунин, тафовути методологияи тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ ва табиӣ-риёзиро баррасӣ менамояд. Кӯшиши сохтани низоми зинавии интихоби стратегия ва усулҳои тарҷума қобили таваҷҷуҳ аст.

**Боби чорум** бо унвони “Равиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” аз даҳ фасл иборат буда, истилоҳоти фалсафа, забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ ва педагогика, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва диншиносиро фаро мегирад.

Дар **боби панҷум** таҳти унвони “Корбаст ва таҳлили истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар мисоли асарҳои “Lost Enlightenment” (“Маърифати гумшуда”)-и Фредерик Старр ва “Тоҷикон” (“Tajiks”)-и Бобоҷон Ғафуров ва таҳвилоти тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” таҳвилоти луғавӣ, луғавӣ-дастурӣ ва услубӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили матнҳои асл ва

тарҷума ба ошкор намудани баъзе номувофиқатиҳо ва пешниҳоди муодилҳои мувофиқу муносиб заминаи мунисиб фароҳам меорад.

Хулосаи диссертатсия аз 21 банд иборат буда, муҳтавои бобҳоро фаро мегиранд ва кӯшиши ба низом даровардани дастовардҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд. Замимаи истилоҳоти тоҷикӣ ва англисӣ метавонад ҳамчун маводди арзишманд барои таҳияи фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ истифода шавад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар кӯшиши ба ҳам пайвастани истилоҳшиносӣ, тарҷумашиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ, тавсифи омилҳои ба тарҷуманопазирӣ сабабшаванда ва пешниҳоди тарҳи гурӯҳбандии равишҳои тарҷума зоҳир мешавад. Натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда оид ба муодилнокӣ, истилоҳсозӣ, асимметрияи байнизабонӣ ва тарҷумаи матни илмӣ замина фароҳам оранд.

Аҳаммияти амалии кор ба истифодаи мавод дар таълими назария ва амалияи тарҷума, истилоҳшиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, луғатнигорӣ, таҳияи курсҳои махсус ва фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ марбут буда, барои тарҷумонҳо, истилоҳшиносону луғатнигорон судманд буда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди назария ва методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аҳаммияти назаррас дошта, метавонанд дар раванди тарҷумаи матнҳои илмӣ ва соҳавӣ, таҳияи фарҳангҳои истилоҳӣ, таълими фанҳои тарҷумашиносӣ ва истилоҳшиносӣ ва омода намудани мутахассисони соҳаи тарҷума истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ матраҳ гардида, аз рӯйи мавзуъ 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Теъдод ва мавзуъҳои интишорот, дар маҷмуъ, аз тасвиби густурдаи натиҷаҳо ва фаъолияти пайгиронаи муаллиф шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**. Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Интишороти муаллиф натиҷаҳои муҳимми таҳқиқро фаро мегиранд ва маводди пешниҳодшуда аз фаъолияти пайгиронаи илмии довталаб шаҳодат медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур меҳисобем:

**1.** Дар диссертатсия агар шумораи умумии истилоҳоти таҳлилшуда, меъёрҳои ворид ва хориҷ намудани воҳидҳо, таносуби мисолҳо аз рӯйи соҳа ва самти тарҷума ба таври муназзам нишон дода мешуд, арзиши илмии онро бештар мекард. Нишондодҳои миқдорӣ, аз ҷумла, иддаои он ки 70 фоизи истилоҳоти фалсафӣ иқтибосӣ мебошанд (с. 414), бе нишон додани ҳаҷми интихоб, ҷадвали тақсимот ва манбаи корпус оварда шудаанд.

**2.** Азбаски предмети таҳқиқ, асосан, дар заминаи ду асари илмӣ-таърихӣ нишон дода шудааст (с. 14), барои татбиқи натиҷаҳо ба доираи васеи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва зерсоҳаҳои гуногуни он истифодаи маводди васеътар, гуногунжанр ва гуногунсоҳа метавонанд заминаи эмпирикии таҳқиқотро боз ҳам мустаҳкам намоянд.

**3.** Таснифи таҳвилоти тарҷума аз лиҳози сатҳ ва моҳияти онҳо дар баъзе мавридҳо ба як низоми ягона пурра мутобиқ намегардад. Аз ҷумла, дар як гурӯҳ овардани мушаххасгардонӣ, умумигардонӣ, муайянсозӣ, калка, модулсозӣ ва транслитератсия ҳамчун таҳвилоти луғавӣ, транспозитсия ҳамчун таҳвили дастурӣ ва мутобиқсозӣ, ҷубронкунӣ ва тавзеҳ ҳамчун таҳвилоти услубӣ (с. 416) метавонад аз нигоҳи меъёрҳои ягонаи тасниф боз ҳам дақиқтар карда шавад.

**4.** Сохтори диссертатсия, дар маҷмуъ, пайдарпай ва мантиқӣ буда, дар баъзе қисматҳо такмили таносуби ҳаҷмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, боби чорум нисбат ба дигар бобҳо фарогиртар буда, муҳтавои саҳифаҳои 20 - 28 метавонад ҳамчун фасли алоҳида пешниҳод гардад. Ҳамзамон, тавсеаи хулосаҳои бобҳо ба ҷамъбасти мукаммалтар ва дақиқтари натиҷаҳои таҳқиқ мусоидат менамояд.

**5.** Дар матни диссертатсия ва замима ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд: такрори ибораи "марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ташаккул ва таҳаввул..." (с. 10), навиштаҳои "Routlege", "Tehron", "edtors", "қоидахои", "supremacy".

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори таҳқиқотии мазкурро халалдор намесозанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" таҳқиқоти мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Муаллиф маводди фаровони истилоҳоти илмҳои гуманитариро гирд оварда, масъалаҳои мураккаби муодилнокӣ, тарҷуманопазирӣ, асимметрияи байнизабонӣ, истилоҳшавӣ ва таҳвилоти тарҷумаро баррасӣ намуда, барои рушди истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми муайян гузоштааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ

ва англисӣ” ба талаботи бандҳои 31 - 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони муосири руси Султанова
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Рафоҳат Мирзоевна
**Нишонӣ:** 734045, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи 27, х. 138.
Тел.: (+992) 71-888-18-88
E-mail: rafoat10@mail.ru

Имзои Р.М. Султановаро тасдиқ менамоям:
Муовини сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Боровицкая Л.А.

**Суроғаи муассиса**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Почтаи электронӣ: p.rektora@mail.ru
Телефон: +992 37 221 35 50
«17» ____08____ соли 2026